# ТАҚРИЗИ

муқаррizи расмӣ, д.и.ф. Қосимов Олимҷон Ҳабибович ба диссертатсияи номзадии Ҷурақулзода Умрон Шодиқул дар мавзуи «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)» аз рӯйи ихтисоси 10.02.00.–Забоншиносӣ (10. 02. 01.–Забони тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология.–Душанбе, 2025.–155с.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Истилоҳоти соҳаи иқтисодӣ воқеан як бахши муҳимми таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ ба ҳисоб рафта, дар рушду густариши он ва дар инкишофи илми забоншиносии тоҷик нақши боризе доранд.

Дар чанд даҳсолаи охир диққати мутахассисони соҳаи забоншиносӣ ба таҳқиқи луғавӣ ва сохтории вожаву истилоҳоти соҳавӣ, аз он ҷумла ба омӯзиши истилоҳоти иқтисодии таркиби ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо равона гардидааст, ки яке аз омилҳои муҳимми инкишофи истилоҳшиносӣ ба ҳисоб меравад. Забони тоҷикӣ дар дарозои таърих ба сифати забони расмии коргузорӣ дар салтанату хонадонҳои гуногун амал намуда, бо таркиби густурдаи луғавӣ ва низоми мураттаби дастурии худ даҳҳо аср барои эҳтиёҷи сиёсиву иҷтимоӣ ва илмиву адабиву фарҳангии ҳукмдорон ва сокинони минтақаи бузурги қитъаи Осиё хидмат кардааст.

Хусусиятҳои луғавиву дастурии забони санадҳои коргузорӣ ба омӯзиш эҳтиёҷ дошта, таҳқиқи вижагиҳои забонии он барои баррасии масоили муҳимми вазъи иҷтимоӣ ва ҳолати кунунии забони милливу давлатии кишвари мо ёрманд хоҳад буд.

Дар таҳқиқоти забоншиносони тоҷик роҷеъ ба истилоҳу истилоҳнигорӣ таълифоти арзанда мавҷуданд, ки дар онҳо паҳлӯҳои мухталифи забони санадҳои меъёрии иқтисодӣ ва истилоҳоти он муайян карда шудааст. Вале баррасӣ ва гурӯҳбандии маъноии истилоҳоту калимаҳо, вижагҳои сохторию маъноии онҳо, ҷанбаҳои сарфии калимаҳо, хатти сайри воҳидҳои луғавии ин соҳа дар забоншиносӣ бори аввал баррасӣ карда мешаванд..

Муаллифи дисертатсияи «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)» Ҷурақулзода Умрон Шодиқул самти равиши пажӯҳиши худро ба баррасии вижагиҳои луғавию грамматикии истилоҳоти иқтисодии санадҳои меъёрӣ ва луғатномаҳои забони тоҷикӣ равона сохта, дар ин замина созгори талаботи мавҷуда будани интихоби мавзуи диссертатсия ва дуруст муайян гардидани мақсаду вазифаҳои онро равшан кардааст.

Воқеан, баррасии вожаву истилоҳоти иқтисодии забони тоҷикӣ дар асоси маводи санадҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо дар муаррифӣ, ташаккул ва рушди соҳаи истилоҳоти иқтисодиёти забони тоҷикӣ

ва корбурди минбаъдаи ин бахши муҳимми воҳидҳои луғавӣ аҳаммияти хосеро доро мебошад.

Дар ин замина бо боварӣ гуфтан мумкин аст, диссертатсияи Ҷуракулзода У.Ш. «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)» ба соҳаи забоншиносӣ ва истилоҳшиносии забони тоҷикӣ созгор ва ба шиносномаи ихтисоси илмӣ аз рӯйи рамзи 10. 02. 00. – Забоншиносӣ (10. 02. 01. – Забони тоҷикӣ) пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия**. Диссертант Ҷуракулзода У.Ш. дар диссертатсияи хеш таҳти унвони «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)» мавзуеро таҳқиқ кардааст, ки чун бахши муҳими истилоҳшиносии забоншиносии тоҷик актуалӣ ва нав ба ҳисоб меравад ва мубрамияти мавзуи таҳқиқро таъмин месозад.

Аз масъалаҳои мубрами диссертатсия баррасиву таҳлили вижагиҳои луғавию дастурии истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ дар асоси маводи санадҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо ва муайян кардани паҳлӯҳои маъноии онҳо ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин бо истифода аз осори назариявии соҳаи забоншиносӣ ва маводи фаровони истилоҳоти иқтисодӣ анҷом додани таҳқиқи вижагиҳои луғавию сохторӣ ва роҳҳои пайдоишу инкишофи онҳо дар дар рисолаи Ҷуракулзода У.Ш. сазовор ба таъкид ва тасвиб аст.

Дар ин замина, аз нигоҳи илмӣ ва арзиши милливу таърихӣ ҷолиб будани диссертатсияи Ҷуракулзода У.Ш. дар мавзуи «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)», ки манзури мутахассисону олимони соҳа пешниҳод гардидааст, қимати илмии ин диссертатсияро афзун мегардонад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада дар он зоҳир мегардад,** ки таҳқиқи ҷанбаҳои сохторию таркибӣ ва луғавию семантикии истилоҳоти иқтисодии забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо) бори нахуст чун як бахши арзишманди таркиби луғавӣ дар забоншиносӣ ба тариқи мураттаб аз нигоҳи маънӣ, сайри таърихӣ, сохтор ва пайдоиш ба ба амал бароварда шудааст.

Дар диссертатсия бори аввал дар натиҷаи омӯзиши забоншиносӣ гурӯҳҳои асосии луғавӣ-маъноии истилоҳоти иқтисодӣ ва мавқеи онҳо дар миёни гурӯҳҳои дигари тавсифи луғавӣ, дар робита бо масъалаҳои ҳуҷҷатгузорӣ, семантикаи воҳидҳои луғавӣ, қабатҳои забонӣ ва шаклҳои сохторию таркибии истилоҳоти иқтисодии забони тоҷикӣ муфассал баррасӣ карда шудааст.

**Аз ҷумлаи нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд,** муайян гардидааст, ки истилоҳоти иқтисодии забони тоҷикӣ дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо минбаъд низ бо

назардошти фарогирии мавзуъ ва масъалаҳои гуногун метавонанд ҳамчун маводи муҳим дар муҳити илмии забоншиносии тоҷик ва дигар таълифоти илмӣ корбаст шаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Яке аз нуктаҳои муҳимми боварибахш будани натиҷаҳои таҳқиқ дар он аст, ки пажуҳиш дар диссертатсия дар заминаи назарияҳои илмии забоншиносони тоҷик ва байналмилалӣ ба роҳ монда шудаанд. Ҳамчунин ба сифати нишондиҳандаи дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ хидмат мекунанд. Дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқ дар диссертатсия хулоса ва тавсияҳое пешниҳод гардиданд, ки дар онҳо дурнамои мавзуи таҳқиқ ифода гардидааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Диссертатсияи номзадии Ҷуракулзода У.Ш. дар мавзуи «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ» (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо) аз дигар таҳқиқоти ҳамгун бо он тафовут дорад, ки то имрӯз оид ба ин мавзуъ дар забоншиносӣ кори илмие таълиф нагардидааст. Мутолиаи диссертатсия ошкор месозад, ки дар диссертатсияи мазкур масоили назариявии марбут ба истилоҳоти иқтисодӣ, чун сарчашмаи асосии таркиби луғавии забони тоҷикӣ ва нақши муайяндоштани онҳо дар омӯзиши истилоҳшиносии таърихӣ аҳаммияти назариявии диссертатсияро устувор сохта, масъалаҳои назариявии дар диссертатсия баррасигардида барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самти забони тоҷикӣ ба сифати манбаи муҳим хидмат мекунад. Инчунин, маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф ба забоншиносон, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони забони ноби тоҷикӣ дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи истилоҳшиносии тоҷикӣ ва вижагиҳои тасвирии он ҳамчун маводи назариявии илмӣ хидмат расонида метавонад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки мавод ва муқаррароти асосии диссертатсияро дар таҳияи фарҳанги истилоҳоти иқтисодии забони тоҷикӣ, дар таҳияи китобҳои дарсию дастурҳои таълимии забоншиносӣ, таҳияи курс ва семиарҳои назариявию амалӣ, тавзеҳи масъалаҳои гуногуни истилоҳшиносӣ, истилоҳшиносии таърихӣ ва тасвирӣ, калимасозӣ, овошиносӣ, грамматика ва дигар қисматҳои забоншиносӣ истифода кардан мумкин аст.

**Қисмати асосии таҳқиқ.** Диссертатсияи Ҷуракулзода У.Ш. дар мавзуи «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатно- маҳо)» аз муқаддима, ду бобу ҳашт фасл, хулосаҳо, тавсияҳо, феҳристи адабиёт ва замима иборат буда, дар маҷмуъ 155 саҳифаи чопи компютериро фаро мегирад. Дар диссертатсия шеваи хуби баён, мулоҳизаронӣ ва баҳсу муҳокимаҳои илмии ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар боби **якуми** диссертатсия **«Асосҳои назариявию таҳқиқии хусусиятҳои лексикии ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ» (саҳ. 17-51) , ки** бештар ҷанбаи назариявӣ дошта, аз панҷ фасл иборат аст, андешаи донишмандони муосир доир ба истилоҳот, истилоҳшиносӣ ва истилоҳоти иқтисодӣ баррасӣ шудааст. Фаслҳо дар ин боб «Асосҳои назарии таҳқиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии иқтисодӣ» (фасли аввал), «Таҳқиқи вожа ва истилоҳот аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ» (фасли дувум), «Таҳлили вожа ва истилоҳот аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ» (фасли сеюм), «Ташаккули истилоҳоти нави иқтисодӣ ва корбурди он дар ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ (фасли чорум) ва «Таҳлили назариявии вижагиҳои морфологии ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ» (фасли панҷум) номгузорӣ шуда, дар онҳо ҷойгоҳи ҳуҷҷатҳои коргузории иқтисодӣ дар ҳама соҳаҳо, хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва сохтории онҳо баррасӣ шудаанд.

Дар ин қисми диссертатсия таърихи ташаккули истилоҳоти иқтисодии забони тоҷикӣ, таҳқиқи истилоҳоти соҳавӣ ва бавижа истилоҳоти иқтисодӣ аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ, мавқеъ ва истифодаи истилоҳоти иқтисодӣ дар ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ, вижагиҳои морфологии ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Боби якумро хулосаи натиҷаҳои таҳқиқ дар шаш банд ба анҷом мерасонад.

Дар боби дуюми рисола «**Хусусиятҳои лексикию маъноӣ ва баромади забонии истилоҳоти иқтисодӣ дар ҳуҷҷатҳои иқтисодӣ ва луғатномаҳои соҳавӣ**»(саҳ. 54-134), ки аз 3 фасл таркиб ёфтааст, бори аввал ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисод ба таври илмӣ аз нигоҳи фарогирии мавзуъ таҳлил ва гурӯҳбандӣ шуда, умумият ва тафовути ин гурӯҳҳо баён карда мешавад. Аз ҷумлаи гурӯҳҳои истилоҳоти иқтисодӣ истилоҳоти соҳаи бонкдорӣ, истилоҳоти ифодакунандаи номи асъори миллии давлатҳо, номи ҳуҷҷатҳои дафтардорӣ дар самти бонкдорӣ, истилоҳоте, ки фаъолияти шахсони ҳуқуқиро дар соҳаи бонкдорӣ мефаҳмонад, истилоҳоте, ки самтҳои дигари фаъолияти бонкдориро ифода мекунанд; вожа ва истилоҳоти соҳаи андоз ва андозбандӣ, вожа ва истилоҳоти соҳаи молия, омор, аудит ва амсоли инҳоро ташкил медиҳанд.

Дар фасли дигари ин боб масъалаҳои вожа ва истилоҳоти сода, вожа ва истилоҳоти сохтаву мураккаб, вожа ва истилоҳоти таркибӣ ва ибораистилоҳот мавриди таҳлилу натиҷагирӣ қарор гирифтаанд.

Дар диссертатсия Ҷурақулзода У.Ш. «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ» дар 18 банд сархат дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф фароҳам омадаанд. Инчунин дар бахши пешниҳодҳо, ки аз 14 банд иборат аст, муҳиммияти мавзуъ ва корбурди натиҷаҳои онҳо дар раванди таълиму таҳқиқ оварда шудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 5 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос менамоянд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Диссертатсияи номзадии Ҷурақулзода Умрон Шодиқул «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғатномаҳо)» ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар диссертатсия баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд:

1.Беҳтар мебуд дар диссертасия роҷеъ ба рушди маъноӣ ва ташаккули сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар заминаи маводи таҳлилшуда дар муқоиса бо давраи кунунии рушди забони тоҷикӣ мулоҳизаҳо пешниҳод мегардид.

2.Дар истифодаи истинод ва иқтибоси сарчашмаҳои назариявӣ диссертант андак ба беэътиборӣ роҳ додааст, гоҳо баҳси илмӣ аз тарафи муаллиф то ба охир расонида нашудааст.

3.Дар феҳрасти адабиёт чандин таълифоти бахшида ба калимасозӣ, истилоҳот ва вожаҳои соҳавӣ, аз қабили асарҳои Гулназарзода Ж.Б., Саломов М.Қ., Мирзоев Ҳ.Х., Ҳасанов А., Нозимов А.А., Қосимов О.Ҳ., Ғаниева С., таваҷҷуҳ зоҳир нагардидааст.

4.Дар диссертатсия имлои нави забони тоҷикӣ на ҳамеша риоя мегардад (12, 18, 20, 45, 54, 73, 88, 102...).

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, арзиши умумии диссертатсияро коста намесозад, онҳоро ҳангоми таҳия ва нашри диссертатсия дар шакли монография ба назар гирифтан зарур аст.

**Қисмати хотимавии тақриз**. Диссертатсия бо услуби илмӣ таҳия гардида, дар он пайдарпайии қисматҳо риоя гардидаанд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, кори анҷомёфтаи диссертатсионӣ ба ҳисоб меравад.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01.–Забони тоҷикӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Дар умум, диссертатсияи номзадии Ҷурақулзода Умрон Шодиқул таҳти унвони «Хусусиятҳои лексикӣ-сохтории истилоҳоти иқтисодӣ дар забони

тоҷикӣ (дар асоси маводи хуҷҷатҳои меъёрии соҳаи иқтисодӣ ва луғат-номаҳо)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.–Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**
**доктори илми филология, профессори**
**кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории**
**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои**
**хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода**
**Қосимов Олимҷон Ҳабибович**

«Имзои доктори илмҳои филология Қосимов Олимҷон Ҳабибовичро тасдиқ мекунам».

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи байналмилалии**
**забонҳои хориҷии Тоҷикистон** **Юсуфова Бибиҷон Ғаниҷоновна**
«03» апрели соли 2025.

**Суроға:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, бинои 17/6.
**Тамос:** Тел.: (+992) 992 37232 00 00; +992 37232 50 03
**E-mail:** rectorat@ddzt.tj; olimjonk@yandex.ru